# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Холбойзода Фатхиддин Холбой дар мавзуи “Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил, мақом ва нақши онҳо дар ташаккул ва рушди инсони комил ва роҳу равиши татбиқи онҳо дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосири ҷумҳурӣ, дарвоқеъ, аз мавзуъҳои мубрами илми таърихи педагогика ба шумор меравад.

Дуруст аст, ки барои таълифи рисолаи илмии фундаменталӣ дар мавзуи мазкур бояд кору вазифаҳои сангинро анҷом дод ва аз сарчашмаҳои аслӣ оғоз карда то корҳои таҳқиқотии анҷомшудаи марбут ба мавзуъро бояд дар марҳилаи мутолиот паси сар намуд.

Аз автореферати диссертатсия равшан мегардад, ки диссертант дар нақшаи кории хеш ин ҳадафҳоро дуруст тарҳрезӣ намудааст ва то ҷое, ки аз автореферат маълум мешавад, бо таҳқиқи мӯйшикофона ба ҳалли чандин масъалаҳои мубҳам даст ёфта, ба дастоварду тозагиҳои илмӣ ноил гардидааст.

Масалан, ҷустуҷӯ, дарёфт ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмию фарҳангии замони зиндагии Бедил ва муайян кардани заминаҳои ташаккул ва рушди андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедилро аз онҳо ҷудо намудан ва нишон дода тавонистани таъсири онҳо ба раванди таълиму тарбия, парвариши сифатҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас аз ҳадафҳои аслии ин диссертатсия мебошад.

Диссертант эҷодиёти ин файласуфи бузургро мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасии дақиқ қарор дода, ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии ӯро аз асарҳояш берун оварда, таъсири онро ба раванди ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсони комил дар шароити рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ пешкаш намудааст.

Зеро муайян ва ошкор намудани алоқамандии ақидаҳои таълиму тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил бо таҷрибаи муосири илми педагогикаю психология ва коркарди роҳу равиши рушди такомули фазилатҳои беҳтарин ва сифатҳои неки ахлоқи инсонии насли наврас, дар ҳақиқат дар чараёни таълим ва тарбияи хонандагон беҳбудиро мехоҳад ва ниёз ба коркардҳои иловагӣ дорад.

Маводи таҳқиқу озмоишшуда, метавонад ҳамчун тартиби асосноккардида дар интихоби шаклҳо, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои тарбияи ахлоқии инсони комил дар шароити рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди пешниҳод ва тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи андешаҳои тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди тарбияи инсони комил, ба вежа ташаккул ва рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсонии насли наврас метавонад ҳамчун дастури ёрирасон хидмат намояд.

Автореферат якҷоя бо аннотатсияҳо бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, бо сабки илмии равон, саҳеҳ ва мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб шудааст. Дар автореферат интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ 13 адад мебошад, муҳтавои мавзуъро инъикос кардаанд, ки аз он 10 адад дар маҷаллаҳо ва нашриёҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд.

Дар натиҷа метавон ба чунин хулоса расид, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Холбойзода Фатҳиддин дорои арзишу аҳаммияти илмӣ буда, дар раванди бознигарии барномаҳои таълимӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ ба ҳайси кори аз абробатсия гузаронидашуда истифода шавад.

Хулоса, диссертант барои муайян кардани асосҳо ва унсуру воҳидҳои аслии илмӣ педагогика объекти таҳқиқии хеле мушкилро интихоб намуда, аз ӯҳдаи кор ба хубӣ баромадааст. Маълум мешавад, ки Холбойзода Фатҳиддин дорои маҳорат ва салиқаи хуби таҳқиқотчигӣ мебошад.

ТАҚРИЗ

Автореферат ва навовариҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ аст ва диссертант Холбойзода Фатҳиддин шоистаи дараҷаи илмӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Шоҳиён Нурали Набот

Маълумот барои тамос:Нишонӣ : 734019. ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода
Тел.: (+992) 935806222; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj.

*Имзои Н. Шоҳиёнро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС